**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ДАСТУРАМАЛ

## оид ба истифодабарии барномаи системаи иттилоотии автоматикикунонии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ

**Душанбе – 2016**

## ШУРӮИ БАРНОМА

1. Шурӯи барнома тавассути нишонаи дар мизи корӣ (ярлики дар рабочий стол) гузошташуда иҷро мешавад.

Баъд аз интихоб равзанаи асосии барнома бо менюаш ба тасвири сафҳаи намоиш пайдо мегардад. ***(Расми 1).***



*Расми 1. Менюи барнома*

## ВОРИДОТИ МАЪЛУМОТ

Сатри менюи асосии барнома аз ишораҳои зерин иборат аст:

Меню ↳ ***Воридоти маълумот*** ва ***Ҳисоботҳо ва дархостҳо***.

Ҳангоми истифодаи менюи ↳***Воридоти маълумот*** дар тасвир:

↳ ***Таҳсилоти олии касбӣ***

↳ ***Таҳсилоти миёнаи касбӣ***

↳ ***Таҳсилоти ибтидоии касбӣ***

↳ ***Дар бораи барнома***

↳ ***Баромад аз барнома***

пайдо мегардад:



*Расми 2. Дар равзанаи «Воридоти маълумот» интихоби шарт.*

Дар равзанаи мазкур яке аз шартҳо интихоб карда мешавад. Масалан, ҳангоми ворид намудани маълумоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чуноне, ки дар расм нишон дода шудааст, таҳсилоти олии касбӣ интихоб карда мешавад. Ҳамзамон, ба таври зайл ҳангоми ворид намудани маълумоти дигар зинаи таҳсилоти касбӣ дигар зинаи таҳсилот интихоб карда мешавад.

3.Ҳангоми интихоби Таҳсилоти олии касбӣ дар равзана номгӯйи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ пайдо мегардад. *(Расми 3)*




*Расми 3. Рӯйхати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ*

Барои ворид намудани маълумот аз рӯйхати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ номи муассисае интихоб карда мешавад, ки ба он маълумот ворид кардан мехоҳед. Мисол: дар расм Донишгоҳи миллии Тоҷикистон интихоб карда шудааст.

4. Ҳисоботҳо

Пас аз интихоби номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нишонаи «Ҳисоботҳо» интихоб карда мешавад. (Расми4).




Расми 4. Тугмачаи «Ҳисоботҳо»

Ё ин ки барои баромадан аз барнома тугмачаи 

интихоб намудан лозим аст.

5. Ҳангоми интихоби тугмачаи «Ҳисоботҳо» номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ҳисоботҳои муассиса пайдо мешавад, ки дар расм оварда шудааст. (Расми 5).




Расми 5. Равзанаи «Ҳисоботҳои муассиса»

Чуноне, ки дар расм оварда шудааст, пас аз пахши тугмачаи «Ҳисоботҳои муассиса» дар равзана тугмачаҳои зерин пайдо мешавад:

Тугмачаи 

барои интихоби соли ҳисоботӣ хизмат мерасонад (расми 00)




Расми 00. Равзанаи «Таҳрир намудани соли ҳисобот»



тугмачаи мазкур барои содир кардани маълумоти муассиса, ё муассисаҳои воридкардашудаи ҳисоботи оморӣ оварда шудааст. Яъне, агар ягон муассиса дар доираи ҳисоботи оморӣ ворид карда шуда бошад, бо ёрии тугмаи мазкур маълумотро аз манъбаи иттилоот содир кардан мумкин аст. Ин амал барои тарзи электронӣ аз манбаи барнома гирифтани иттилоот;



тугмачаи мазкур барои дохил намудани маълумот оид ба майдончаҳо, биноҳо ва ҳуҷраҳои дохилӣ;



тугмачаи мазкур барои дохил намудани масоҳати замин, шумораи чорво, парранда ва занбӯри асал;



тугмачаи мазкур барои ворид намудани маълумотҳо оид ба хобгоҳҳо;



тугмачаи мазкур барои ворид намудани маълумотҳо оид ба шумораи истиқоматкунандагон дар хобгоҳ;



тугмачаи мазкур барои ворид намудани маълумотҳо оид ба таҷҳизоти компютерӣ ва нақлиёт;



тугмачаи мазкур барои ворид намудани маълумот оид ба ҳайати кормандон, аспиранҳо ва докторантҳо;



тугмачаи мазкур барои ворид намудани маълумотҳо аз файли тайёр мебошад. Яъне ҳангоми зер намудани тугмачаи мазкур равзанаи мазкур пайда мешавад (расми ).




Расми 00. Равзанаи интихоби файл барои воридот

Пас аз интихоби файли pso0015.DBF равзанаи Интихоби модул барои воридот пайдо мегардад (расми)




Расми . Равзанаи «Интихоби модул барои воридот»

Пас, метавонед аз ин равзана модулҳоро барои ба барнома ворид намудан, дар алоҳидагӣ ё яклухт интихоб намоед (расми ).




Расми 00. Интихоби модул дар алоҳидагӣ.




Расми 00. Интихоби яклухти модулҳо

Баъд аз интихоб намудан барои тасдиқ нишонаи  ё тугмачаи **Enter** - Тасдиқ кардан, ва барои рад намудан нишонаи  ё тугмачаи **Esc** - Рад кардан зер кардан зарур аст.

**Тахрири шиносома** тугмачаи мазкур барои ворид намудани маълумот оид ба шиносномаи муассиса;

Роҳбарияти муассиса тугмачаи мазкур барои ворид намудани маълумотҳо оид ба роҳбарияти муассиса;

Донишҷӯён аз хориҷи кишвар тугмачаи мазкур барои ворид намудани рӯйхати донишҷӯёне, ки аз хориҷи кишвар мебошанд;

Курсҳои кӯтоҳмуддат тугмачаи мазкур барои ворид намудани шумораи курсҳо ва шунавандагону хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддат;

Донишҷӯён (факултет) тугмачаи мазкур барои ворид намудани маълумотҳо оид ба ҳайати донишҷӯён;

Ҳангоми интихоби тугмачаи Донишҷӯён (факултет), равзанаи «Рӯйхати факултетҳо» пайдо мешавад, ки он аз модулҳои «Ҳайати садорат», «Донишҷӯёни соли гузашта», «Донишҷӯёни соли ҷорӣ», «Хатми соли гузашта», «Хориҷи соли гузашта», «Рухсатии академикӣ» иборат аст.

Ҳамзамон, дар равзанаи мазкур тугмачаҳои «Ҳисоботҳои факултетҳо», «Ҳисоботҳои ҷамъбастӣ», нишонаи , сатри нав Сатри нав, таҳрир Таҳрир, хат задан Хат задан, воридот ВОРИДОТ, содирот (бойгонӣ) СОДИРОТ (Бойгони), бароматан аз барнома ва аз равзанаи мазкур Баромад мавҷуд мебошад (расми ).




Расми 00. Равзанаи «Рӯйхати факултетҳо»

Дар равзанаи мазкур пас аз ворид намудани маълумот ба модулҳои мавҷуда, рақамҳои ҷамъбастӣ дар сатрҳои

| Донишҷуи гузашта | Гуруҳҳои ҷорӣ | Донишҷуи ҷорӣ | Гуруҳҳои хатмкарда | Донишҷуи хатмкарда | Донишҷуи хориҷшуда | Донишҷуи рухс. акад. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 425 | 4 | 114 | 1 | 15 | 1 | 1 |

пайдо мегардад.

Омузгорон (кафедра) тугмачаи мазкур барои ворид намудани маълумотҳои кормандони омӯзгорӣ аз рӯи кафедраҳо;

Ҳангоми интихоби тугмачаи Омузгорон (кафедра) равзанаи «Рӯйхати кафедраҳо», ки дар он нишонаи [ ], сатри нав Сатри нав, тахрир Тахрир, хат задан Хат задан, воридот ВОРИДОТ, содирот (бойгонӣ) СОДИРОТ (Бойгони), баромадан аз барнома аз равзанаи мазкур Баромад ва модули Ҳайати кафедра пайдо мешавад (расми 00).




Ҳангоми интихоби модули «Ҳайати кафедраҳо» равзанаи маълумот оид ба ҳайати кафедра пайдо мегардад (расми ).



Расми 00. Равзанаи маълумот оид ба ҳайати кафедра

Дар равзанаи мазкур имконияти ворид намудани маълумот дар алоҳидагӣ бо интихоби сатри нав ва ворид намудани маълумоти тайёр ба востаи 

-воридот аз барномаи Exel мавчуд мебошад.

Дар алоҳидагӣ ҳангоми интихоби сатри нав равзанаи «Воридоти маълумот оид ба омӯзгорон» пайдо мешавад ва баъд аз ворид намудани маълумот тугмачаи 

-ро барои сабти маълумот интихоб карда мешавад. (расми00)




Расми 00. Равзанаи «Воридоти маълумот оид ба омӯзгорон»

Ҳангоми мавчуд будани маълумот дар шакли барномаи Exe,l маълумот чун воридоти модулҳои қаблӣ ворид карда мешавад.

Пас аз сабт намудани маълумот ё мавҷуд будани маълумот дар равзанаи «Маълумот оид ба ҳайати кафедра» тугмачаҳои 

ва 

фаъол мегардад. (Расми 00)




Ҳангоми интихоби тугмачаи 

ва 

маълумотҳо дар шакли Excel бароварда мешаванд.

Тугмачаи 

барои дидан ва истифодабарии маълумотҳои дар барномабуда хизмат мерасонад (расми00).




Расми 00. Равзанаи «Ба чоп баровардани ҳисоботҳо»

Пас аз интихоб намудани тугмачаи 

дар экран равзанаи «Ба чоп баровардани ҳисоботҳо» пайдо мегардад.

Ҳангоми пайдо гардидани равзанаи макур дар рӯйхати ҳисоботҳо аввал титул (сархати ҳисобот) ва баъдан бобҳои:
Боби 1.Маълумот оид ба донишҷӯёни соли ҷорӣ аз рӯи курсҳо;
Боби 1А. Маълумот оид ба донишҷӯёни соли ҷорӣ аз рӯи шакли таҳсил;
Боби 1Б. Маълумот оид ба донишҷӯёни соли ҷорӣ аз рӯи ноҳияҳо;
Боби 2. Маълумот оид ба донишҷӯёни соли ҷорӣ аз рӯи ихтисосҳо;
Боби 2А. Маълумот оид ба донишҷӯёни соли ҷорӣ аз рӯи шакли таҳсил ва ихтисосҳо;
Боби 3. Маълумот оид ба қабули донишҷӯён аз рӯи ихтисос;
Боби 4. Маълумот оид ба донишҷӯёне, ки дар соли гузашта хориҷ шуданд аз рӯи курсҳо;
Боби 4А. Маълумот оид ба донишҷӯёне, ки дар соли гузашта хориҷ шуданд аз рӯи ихтисос;
Боби 5. Маълумот оид ба хатми донишҷӯён аз рӯи ихтисос;
Боби 5А. Маълумот оид ба хатми донишҷӯён аз рӯи ноҳияҳо;
Боби 6. Маълумот оид ба хатми донишҷӯён аз рӯи зинаи таҳсилот;
Боби 7. Натиҷаи ҷамъбасти аттестатсияи давлатии хатмкунандагони соли ҷорӣ;
Боби 8. Маълумот оид ба хатмкунандагоне, ки тибқи фармон диплом гирифтанд;
Боби 9. Маълумот оид ба донишҷӯёне, ки дар соли оянда муассисаро хатм мекунанд;
Боби 9А. Маълумот оид ба донишҷӯёне, ки дар соли оянда муассисаро хатм мекунанд аз рӯи ноҳияҳо;
Боби 10. Тағйири шумораи донишҷӯён аз рӯи курси таҳсил;
Боби 11. Тақсимоти донишҷӯён аз рӯи забони таълим;
Боби 12. Маълумот оид ба донишҷӯён тибқи квотаи Президентӣ ваобаста ба минтақаҳо;
Боби 13. Шумораи донишҷӯён аз хориҷи кишвар;
Боби 14. Ҳайати омӯзгорону профессорон;
Боби 15. Маълумот оид ба ҳайати садорати факултаҳо;
Боби 16. Маълумот оид ба ҳайати роҳбарияти муассиса;
Боби 17,18. Маълумот оид ба майдончаҳо, биноҳо, ҳуҷраҳои дохилӣ, замин, парранда ва занбӯри асал;
Боби 19,20. Маълумот оид ба хобгоҳҳо ва истиқоматкуандагони хобгоҳҳо;
Боби 21,22. Маълумот оид ба таҷҳизоти коммпютерӣ ва нақлиёт;
Боби 23,24. Маълумот оид ба ҳайати кормандон, аспирантон ва докторантҳо дида мешавад.

Бо ёрии мушак мо метавонем бобҳои дар боло зикр гардидаро аз рӯйхат дар алоҳидагӣ ё яклухт интихоб намоем (расми 00).




Расми 00. Интихоби сатр ё боб дар алоҳидагӣ

Пас аз интихоб намудани яке аз сатрҳо тугмачаҳои дидан- 

, чоп кардан- 

 ва ҳисобот- 

 фаъол мегардад.

Ҳангоми интихоб намудани тугмачаи 

 маълумот дар экран намоён мегардад (расми 00).




1. Маълумот оид ба донишҷӯёни соли ҷорӣ аз рӯи курсҳо

| № сатр | Номгуй | | Шумораи донишҷӯён | Аз ҷумла: Буҷавӣ | Шартномавӣ | Бакалавр | Мутахассис | Магистр | Таҳсил бо низоми кредитӣ | Маъюб | Ятим | Квотаи Президентӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | Б | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 1 | Курси 1 | Ҳамагӣ | 85 | 85 | | 85 | | | 85 | 2 | 81 | |
| | | Духтар | 22 | 22 | | 22 | | | 22 | | 22 | |
| 2 | Курси 2 | Ҳамагӣ | 29 | 29 | | 29 | | | 29 | | 27 | |
| | | Духтар | 4 | 4 | | 4 | | | 4 | | 4 | |
| | **Ҳамагӣ** | Ҳамагӣ | **114** | **114** | | **114** | | | **114** | 2 | **108** | |
| | | Духтар | **26** | **26** | | **26** | | | **26** | | **26** | |

Расми 00

Нишонаи дар равзана пайдо гардида чунин маъно дорад (расми 00)




Расми 00. Намуди нигоҳи пешакӣ.

Интихоби яклухти сатрҳо ё бобҳо дар расм




Расми 00. Интихоби яклухти сатрҳо




Тугмачаи зерин барои аз назар гузаронидани маълумоти ҳар як боби интихобшудаи ҳисобот истифода бурда мешавад (расми 00).




Тугмачаи зерин барои ба чоп баровардани якчанд нусха боби интихобшуда истифода бурда мешавад. Ҳангоми пахш намудани тугмачаи «Чоп кардан» равзанаи «Печать» пайдо мешавад. Дар равзанаи «Печать» истифодабаранда метавонад рақами саҳифаҳои лозимаро қайд карда якчанд нусха ба чоп барорад.




Тугмачаи зерин барои содирот намудани боби интихобшуда ба барномаи Microsoft Excel истифода бурда мешавад. Дар ҳолати пахши тугмачаи мазкур барномаи Microsoft Excel ба тасвири истифодабаранда пайдо гашта дар он боби интихобшуда нишон дода мешавад.



Тугмачаи мазкур барои содирот намудани тамоми манбаи мавҷуда ба барномаи Microsoft Excel истифода бурда мешавад. Дар ҳолати пахши тугмачаи мазкур барномаи Microsoft Excel ба тасвири истифодабаранда пайдо гашта дар он ҳамами маълумотҳои дар манбаъ мавҷудбуда нишон дода мешавад.

Дар баробари интихоб намудани сатрҳо (ё бобҳо) интихоби филтрҳо низ имкон дорад.



Бо тугмаи мазкур дар доираи шартҳое, ки пас аз пахши тугма пайдо мегарданд, филтр гузошта, маълумот гирифтан мумкин аст. ***Нигаред ба расми 00.***




*Расми 00 Интихоби шартҳои филтр.*

Барои интихоби шартҳои овардашуда, пахши шарт ва интихоби сатр бо ёрии гузоштани нишон лозим аст.

**Мисол** барои гирифтани маълумот оид ба донишҷӯёне, ки аз рӯи кадом соҳаи таҳсилот таҳсил менамоянд.

Пеш аз ҳама, барои гирифтани маълумот дар равзана сатри ихтисосро пахш карда, аз равзанаи пайдогардида дар сатри информатика **зарурӣ** гузоштан лозим аст:







Дар расмҳо намунаи интихоби саволномаҳо нишон дода шудааст. Пас аз интихоб нишонаи тасдикро пахш намудан зарур аст.




Расми 00. Интихоби шарти филтр аз боби омӯзгорон




Ҳамзамон, дар равзанаи «Ба чоп баровардани ҳисобҳо» баробари интихоб намудани филтр оид ба донишҷӯён ҳамчунин интихоби филтр барои омӯзгорон низ гузошта шудааст. Барои гирифтани маълумот мо метавонем аз ҳарду филтр дар як вақт истифода барем.







Ҳангоми хоҳиш ё зарурият бо як муассиса кор кардан, нишонаи -ро интихоб менамоем. Дар сурати баръакс, метавонем шартро рад намоем.